**аз 20.01.2020 №841/8.1-д**

Шуъбаҳо ва бахшҳои бақайдгирии
давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва
соҳибкорони инфиродӣ

Нусха: Мақомоти ҳудудии андоз

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.01.2019, №1680 "Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи боҷи давлатӣ" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.01.2020, №1681 "Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" қабул гардидааст.

Қонунҳои мазкур дар нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Ҷумҳурият" санаи 8 январи соли 2020 ба нашр расида, аз ҳамин сана мавриди амал қарор дода мешавад.

Тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.01.2019, №1680 ба моддаҳои 3, 5 ва 6 Қонун "Дар бораи боҷи давлатӣ"тағйиру иловаҳои дахлдор ворид гардида, тибқи он қисми 5 моддаи 4 хориҷ карда шуд. Дар асоси тағйирот минбаъд барои амалҳои бақайдгирии давлатӣ, аз ҷумла бақайдгирии давлатии таъсисёбии (барҳамдиҳӣ, қатъи фаъолият) ташкилотҳои тиҷоратӣ, ғайритиҷоратӣ, шахсони воқеии тибқи патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда боҷи давлатӣ ситонида намешавад.

Мутобиқ ба муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.01.2020, №1681 ба қисми 1 моддаи 6 "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" тағйирот ворид карда шуда, қисми 2-и он дар таҳрири зерин баён карда шуд:

**“2. Пешниҳод намудани иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатӣ ва додани маълумотнома дар бораи дар феҳристи мазкур мавҷуд набудани маълумот оид ба субъектҳо ройгон анҷом дода мешавад.”.**

Тибқи Қонуни мазкур ба моддаҳои 11, 20, 22, 25, 27, 29 ва 32 Қонун “Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ” тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, талабот оид ба пешниҳоди пардохтнома (квитансия) ҳангоми анҷом додани амалҳои бақайдгирии давлатӣ, бекор карда шуд, ки дар натиҷа номгӯи ҳуҷҷатҳои барои анҷом додани амалҳои бақайдгирии давлатӣ пешниҳодшаванда 1 адад кам гардид.

Инчунин, дар асоси ҳамин Қонун қисми 6 моддаи 33 Қонун “Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ” дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

**“6. Аз Феҳристи ягонаи давлатӣ ҳамчун ҳуҷҷати дасдиққунандаи бақайдгирии давлатии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба маълумот дар бораи филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ иқтибос дода мешавад.”.**

Бо назардошти гуфтаҳои боло, шуъбаҳо ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, инчунин мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешавад, ки бо мақсади дуруст татбиқ намудани муқаррароти мактуби дастурӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон мунтазам корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида, аз натиҷаи он ба Кумитаи андоз ахборот пешниҳод намоянд.

Замима: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.01.2019, №1680 “Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи боҷи давлатӣ” ва Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон аз 02.01.2020, №1681 “Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ” дар ҳаҷми __варақ.

Раис Н. Давлатзода